**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Намозализода Шафқат Намозалӣ аз соли 2019 то соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯй аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил кардааст. Мавсуф ҳангоми иҷрои кори илмӣ, махсусан дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии мавзуи илмию таҳқиқотӣ қобилияти пешбурди кори илмӣ, масъулият ва мустақилият нишон дода тавонист. Дар давраи иҷрои кори илмӣ Намозализода Шафқат Намозалӣ 12 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва аз чоп баровардааст.

**Сатҳи дониш, усулҳои таҳқиқот ва ҳуҷҷатҳои** оид ба таҳсилот пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Намозализода Ш.Н. ба стандартҳои таҳсилоти олии касбии дар ҷумҳурӣ қабулшуда мувофиқат мекунанд. Натиҷаи асосии таҳқиқот ва нуқтаҳои муҳими диссертатсияи Намозализода Ш.Н. дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2019-2023 баррасӣ гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ низ қироат ва мавриди қабул гардиданд.

**Марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ**, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия ва иҷро шудааст. Ҳамчунин, маводҳои мақолаҳои илмии муаллиф оид ба мавзуи рисолаи илмӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионӣ аз фанҳои таълимии “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Молияи минтақавӣ” ва “Молияи корхонаҳо” дар

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии** Намозализода Ш.Н. ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

**Аз таҳлили рисолаи илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти илмӣ** таҳкими асосҳои назариявию услубӣ ва амалии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таҳлилу арзёбӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта мебошад.

**Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи раванди рушди комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро доир намояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 188 саҳифаи компютерӣ чоп карда шуда, фарогири 29 ҷадвал, 8 расм ва 6 диаграмма мебошад.

**Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методии** дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои баландбардории самаранокии истеҳсолоти ватанӣ ва ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар сохторҳои таркибии КАС-и ҷумҳурию минтақаҳои тобеи он асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт. Хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф таҳиягардида, имконият фароҳам меоранд, ки такмилдиҳии рушди донишҳои илмиро дар самти истифодаи самараноки ашёи хоми кишоварзӣ бо роҳи коркарди саноатии он дар

сатҳи кишвар, аз ҷумла минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баҳодиҳӣ ва дурнамоӣ намояд. Ҳамзамон, **аҳамияти амалии таҳқиқот** имкон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомадро сахторҳои марбути соҳаи саноат, корхонаҳои коркард ва корхонаю ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ метавонанд дар фаъолияти кории худ барои баланд бардошатани самаранокӣ ва таъмини рақобатпазирӣ истифода намоянд.

**Хулоса ва пешниҳодҳо** ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ ба талаботи мавҷуда омода шудаанд. Дар маҷмуъ, рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида дар сатҳи ҷавобгӯйи талабот қарордошта ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷа илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдодашуда ва мантиқан ба итмомрасида буда, арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
н.и.и., дотсенти Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Тағоев Ҷ.Ҳ.

Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич
Тел: (+992) 918-90-68-73
E-mail: tagoev_d@mail.ru

**Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ.– ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
“26” 09. 2023 Тавқиев Э.Ш.